# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

735140, ш. Душанбе, кӯч. Шевченко, 39. тел: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94. www.vak.tj


аз «8» апрели соли 2022, № 114/о.и. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Комиссия) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, бинобар риоя нагардидани талаботи банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба Амирбекова Иқлима Ҷаборовна рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар мухлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3.

Раис [signature] Розиқзода А.